# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ, доктори илмҳои кишаварзӣ Раҳимов Ш.Т. ба рисола ва автореферати Ҷамшедзода Х. Ҷ. **“Мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.07- Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ

Гӯсфандпарварӣ аз ҷиҳати аҳамияташ дар соҳаҳои чорводории Тоҷикистон мавқеи дуюмро ишғол намуда, дар таъмин намудани аҳолии мамлакат бо маҳсулоти ғизоӣ (гӯшт ва равған) нақши калонро мебозад.Тараққиёти гӯсфандпарварӣ дар Тоҷикистон ба релеф, хусусиятҳои табиию иқлимӣ ва экологию ҷуғрофии он вобастагӣ дорад, зеро зиёда аз 93% ҳудуди онро кӯҳҳои дорои мавзеҳои калони табиии чарогоҳҳои алпӣ ва субалпӣ дар минтақаҳои гунонуни амудӣ ҷойгиршуда ташкил медиҳанд.

Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед баъдаз хатми факултети зооинженерии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншо Шотемур дар соли 2010 фаъолияти худро ба ҳайси лобаранти калони кафедраи “Технологияи коркарди маҳсулоти чорводори”-и ҳамин донишгоҳ оғоз намудааст. Дар солҳои 2011-2014 аспиранти шӯъбаи рӯзонаи кафедраи “Зотпарварӣ ва генетикаи хоҷагии қишлоқ” таҳсил гирифта дар мавзӯъи “Мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ" рисолаи номзадии худро ба дифо тайёр намудааст. Рисолаи мазкур дар раванди ҳифзи зоти гӯсфандони тоҷикӣ, зиёд гардонидани саршумор ва маҳсулнокии он дар давраи солҳои соҳибистиқлоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона ба шумор меравад.

Дар асоси натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидашуда маълум гардид, ки саршумори гӯсфандони зоти тоҷикӣ нисбат ба 1990 сол то 97,5% кам гашта бошад ҳам дар сохтори генеологии он 5 авлод нигоҳ дошта шудааст - I, IV, V, VIII ва X. Вазни зиндаи кӯчқорбарраҳо ва барраҳои модинаи авлодҳои якум ва даҳум дар вақти таваллуд мутаносибан 5,1-4,8 ва 4,5-4,3 кг ва дар синни 4,5-5,0 моҳагӣ 34,8 -34,5 ва 32,0-30,7 кг-ро ташкил додааст. Дар хоҷагии зотпарварии ба номи С. Шерназаров аз рӯйи нишондоди вазни зинда дар байни барраҳои навтаваллудшудаи наслҳои авлоди I-VIII ва I-IV (сафед ва сурхчаранг) чӣ дар байни барраҳои нарина (5,0-5,0 кг) ва модабарраҳо (4,6-4,7 кг) фарқият дида намешавад. Дар саршумори Парваришгоҳ бошад, вазни зиндаи авлоди X-VIII мувофиқ ба ҷинси барраҳо 4,0-4,3 кг ва авлоди I-IV мутаносибан 3,9-3,3 кг-ро ташкил намудааст. Вазни зиндаи қучқорбарраҳои зоти тозаи тоҷикӣ дар давраи 60 рӯзи фарбеҳкунӣ 12,55 кг ва дурагаҳо бошад 14,65 кг ё ин, ки 35,65 ва 35,86 %

афзудааст. Вазни гӯшти тозаи қасобигардида дар ҳарду гуруҳҳо афзоиш ёфта дар қӯчқорҳои зоти тоҷикӣ 50,74 ва дурагаҳо бошад 58,46 %-ро ташкил кард. Баромади гӯшти навъи якум аз бадани хунуккардашуда дар давраҳои фарбеҳкунӣ дар дурагаҳо 91,24 % ва 92,19 %, зоти тоҷики бошад 91,72 ва 91,24 % гӯшти наъви дуюм бошад мутаносибан 8,02 ва 7,81; 8,28 ва 8,76 %-ро ташкил намудааст.Аз ҷиҳати тароши пашми баҳорӣ байни қӯчқорҳои наслдеҳ ва мешҳои калонсоле, ки аз натиҷаи ҷуфтикунонии байниавлодӣ гирифта шудаанд фарқият хеле кам ба назар мерасад. Дарозии миёнаи пашми гӯсфандон аз 20,6 то 24,3 см-ро ташкил медиҳад. Самаранокии иқтисодии парвариш дар ҳангоми ҷудо намудани барраҳо аз модарашон (4,0-4,5 моҳа) аз рӯи натиҷаи ҷуфтикунонии авлодҳои I ва IV даромади иловагии аз фурӯши қӯчқорбарраҳо бо вазни зинда 164 сомонӣ ва барраҳои модина бошад 144 сомониро ташкил додааст. Ин нишондодҳо дар авлоди X ва VIII мутаносибан ба 152 ва 140 сомонӣ баробар аст.

Ҳамин тариқ рисолаи ба анҷомрасондаи Ҷамшедзода Х. Ҷ. дар мавзӯи «Мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ» ба талаботи пешниҳодгардидаи рисолаи номзадӣ (Қарори КОА-и назди Президенти Тоҷикистон) ва шиносномаи ихтисоси 06.02.07- Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ ҷавобгӯ мебошад. Аз ин лиҳоз ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ тавсия дода мешавад.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои
кишоварзӣ, мудири озмоишгоҳи
биотехнологияи инноватсионии Маркази
ҷумҳуриявии биотехнологияи чорвои
Институти чорводорӣ ва чарогоҳи
АИКТ Ш.Т. Раҳимов

Имзои Раҳимов Ш.Т.-ро тасдиқ мекунам:

Нозири кадрҳои Маркази ҷумҳуриявии биотехнологияи чорвои Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ Ҷафаров А.Ҳ.

28.03..2023.